БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

# Шарҳи моҳонаи таваррум • МАРТ 2025

**Дар моҳи марти соли 2025 сатҳи таваррум[1] 0,6 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,2 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад.**

## Таварруми хӯроквори

Дар сохтори таварруми моҳона нархи маҳсулоти хӯроквори ба андозаи 1,0 фоиз (саҳм дар таваррум 0,5 б.ф.) раванди болоравӣ дошт. Афзоишёбии мазкур асосан аз ҳисоби қиматшавии нархи ангур 22,3 фоиз, сабзӣ 20,4 фоиз, лиму 17,5 фоиз, қаламфури булғорӣ 17,0 фоиз, бодиринг 10,9 фоиз, нок 7,0 фоиз, себ 6,8 фоиз, тухм 6,1 фоиз, помидор 5,8 фоиз, карам 4,6 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

Дар моҳи мазкур ба болоравии сатҳи нархҳо бештар омилҳои мавсимӣ ва зиёд шудани талабот ба молу маҳсулоти истеъмолӣ, бинобар таҷлили идҳо таъсири худро расониданд.

Дар баробари ин, коҳишёбии нархи кабудӣ 13,1 фоиз, орди навъи якум 1,8 фоиз, шакар 0,6 фоиз, гӯшти мурғ 0,3 фоиз ба назар расид.

## Таварруми ғайрихӯроквори

Нархи молҳои ғайрихӯроквори дар моҳи март нисбатан болоравӣ дошта 0,1 фоизро (бо саҳми ночиз) ташкил намуд, ки асосан аз ҳисоби болоравии нархи либос ва пойафзол 0,5 фоиз, омехтакунанда (атсетон) 0,3 фоиз, тахтасанги сафолӣ 0,2 фоиз ва ғайра ба амал омад.

## Таварруми хизматрасонӣ

Арзиши хизматрасониҳои пулӣ, ки ба аҳолӣ расонида мешавад, дар ин моҳ 0,6 фоиз (саҳм дар таваррум 0,1 фоиз) раванди афзоишёбӣ дошт. Болоравии мазкур асосан дар натиҷаи афзоиш ёфтани нархи хизматрасонии почта 16,4 фоиз,

**Таварруми моҳона ва солона, бо фоиз**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии нархи маҳсулоти асосии хӯроквори дар моҳи марти 2025,бо фоиз** (манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррум аз рӯи саҳм солона, бо фоиз**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



меҳмонхонаҳо 4,7 фоиз, нақлиёт 0,7 фоиз ва иҷораи хона 0,2 фоиз ба амал омад.

**Сатҳи таварруми солона бошад, дар моҳи марти соли 2025 3,4 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,2 б.ф. кам мебошад.**

Дар моҳи марти соли 2025 сатҳи таварруми солона дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 38,1 фоиз, Ӯзбекистон 10,3 фоиз, Қазоқистон 10,0 фоиз, Беларус 5,9 фоиз, Гурҷистон 3,5 фоиз ва Арманистон 3,3 фоиз ба назар расид.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи марти соли ҷорӣ -0,2 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона ба 1,2 фоиз баробар гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати расидан ба мақсади асосӣ-нигоҳ доштани сатҳи муътадилии нархҳои дохилӣ, татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзиро минбаъд низ идома медиҳад.**

**Сатҳи таваррум дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа (бо фоиз)** (манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)* | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Вазн,% | 2022 | | | | 2023 | | | | 2024 | | | | 2025 | | | Март, тағйирёбии моҳона бо % |
| | | Март | Июнь | Сен | Дек | Март | Июнь | Сен | Дек | Март | Июнь | Сен | Дек | Янв | Фев | Март | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **7,3** | **8,3** | **5,7** | **4,2** | **3,6** | **2,4** | **5,1** | **3,8** | **3,6** | **3,5** | **3,1** | **3,6** | **3,5** | **3,6** | **3,4** | **0,6** |
| **Маҳсулоти хӯроквӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,9** | **7,2** | **9,6** | **7,9** | **5,2** | **4,3** | **1,1** | **5,8** | **3,4** | **1,8** | **1,5** | **0,6** | **2,5** | **3,1** | **3,1** | **3,1** | **1,0** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 11,9 | 11,0 | 24,6 | 13,0 | 4,7 | -2,6 | -8,7 | 2,3 | 6,4 | 7,6 | 6,0 | -0,1 | -1,2 | -1,2 | -1,0 | -3,2 | -1,9 |
| Биринҷ | 2,1 | -5,7 | -1,2 | 1,7 | 9,1 | 21,6 | 54,1 | 54,8 | 45,3 | 36,6 | 8,8 | 6,2 | 9,3 | 9,5 | 6,0 | 5,1 | 0,0 |
| Орд | 4,9 | 18,0 | 38,3 | 18,3 | 2,8 | -12,6 | -30,1 | -14,8 | -7,3 | -2,2 | 6,8 | -5,5 | -8,9 | -9,8 | -9,3 | -11,0 | -1,8 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 6,8 | 9,8 | 0,3 | -2,4 | -0,8 | -0,2 | 5,3 | 6,8 | 3,8 | 6,0 | 7,1 | 12,5 | 16,6 | 15,3 | 15,4 | 15,6 | 0,9 |
| Гӯшти гов | 2,4 | 7,7 | -4,9 | -8,5 | -4,8 | -2,5 | 6,5 | 9,3 | 5,7 | 9,0 | 11,2 | 20,1 | 28,5 | 25,3 | 24,8 | 24,7 | 1,0 |
| Тухм | 1,3 | -21,2 | -12,1 | 17,4 | 43,1 | 40,4 | 19,6 | 0,3 | -30,6 | -21,9 | -26,9 | -9,2 | 5,8 | 7,7 | 3,9 | 10,1 | 6,1 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 2,7 | 23,6 | 23,9 | 25,4 | 25,4 | 14,7 | 8,6 | 5,2 | 2,2 | 6,3 | 7,9 | 10,0 | 9,7 | 4,7 | 4,0 | 5,5 | 2,8 |
| Шир | 0,9 | 15,4 | 21,3 | 11,6 | 20,4 | 18,5 | 8,9 | 6,7 | 3,5 | 0,1 | 4,0 | 13,0 | 5,8 | 5,8 | 5,0 | 9,3 | 6,5 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 3,2 | 12,4 | 4,3 | -2,7 | -10,6 | -11,2 | -28,9 | -22,7 | -24,5 | -21,7 | -3,3 | 0,1 | 15,8 | 13,5 | 14,1 | 14,4 | 1,0 |
| Меваҷот | 3,3 | -8,3 | -6,1 | -8,8 | -6,9 | 1,5 | 13,9 | 28,8 | 33,1 | 28,2 | 23,1 | 0,3 | -9,7 | -12,1 | -11,7 | -7,4 | 7,4 |
| Сабзавот | 7,3 | 6,3 | 1,8 | 14,9 | 12,1 | 23,1 | 17,1 | 18,1 | 0,0 | -13,8 | -13,4 | -11,9 | -2,4 | 2,2 | 4,2 | 7,4 | 5,0 |
| Шакар | 1,6 | 6,9 | 22,0 | 12,0 | 6,2 | -9,1 | 8,3 | 18,2 | 27,6 | 32,9 | -0,8 | -1,4 | -9,5 | -8,4 | -8,7 | -9,7 | -0,6 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 2,2 | 2,6 | 5,5 | 14,6 | 14,0 | 13,1 | 10,9 | -5,2 | -3,8 | -8,1 | -8,2 | -0,5 | -3,5 | 5,2 | 3,7 | 0,7 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,0** | **3,3** | **3,5** | **6,7** | **5,5** | **6,7** | **6,5** | **2,7** | **5,7** | **9,0** | **6,3** | **6,3** | **10,9** | **5,9** | **5,2** | **5,9** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,5** | **6,2** | **6,0** | **5,9** | **2,9** | **1,5** | **0,5** | **0,8** | **2,0** | **3,0** | **4,5** | **5,7** | **9,4** | **9,5** | **9,4** | **9,4** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **6,3** | **6,6** | **4,7** | **3,9** | **3,5** | **4,5** | **6,0** | **6,6** | **6,0** | **5,3** | **5,5** | **4,0** | **3,7** | **4,0** | **3,7** | **0,1** |
| Либос ва пойафзол | 9,6 | 2,4 | 3,4 | 2,5 | 4,0 | 4,3 | 5,5 | 7,3 | 6,0 | 5,1 | 4,1 | 1,8 | 1,4 | 1,7 | 1,8 | 2,2 | 0,5 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 1,1 | 7,8 | 8,3 | 7,9 | 3,8 | 2,9 | 5,8 | 5,4 | 5,5 | 7,4 | 4,6 | 4,0 | 4,1 | 4,2 | 4,3 | 0,8 | -0,5 |
| Маводи шустушӯй | 0,4 | 5,1 | 13,6 | 17,9 | 22,6 | 24,2 | 14,7 | 4,6 | -1,5 | -1,3 | -1,1 | 2,6 | 1,5 | 0,9 | -0,7 | -1,9 | -0,5 |
| Доруворӣ | 1,5 | 7,4 | 8,7 | 10,3 | 11,2 | 5,1 | 11,5 | 9,4 | 13,2 | 11,8 | 9,6 | 10,5 | 7,6 | 7,5 | 7,2 | 7,2 | 0,0 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 4,3 | 33,2 | 18,1 | -3,8 | -21,2 | -26,9 | -19,2 | -2,9 | 19,5 | 23,6 | 12,8 | 6,5 | 1,0 | 0,6 | 1,0 | -0,1 | -0,3 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 0,2 | 5,1 | 4,7 | 1,5 | -1,7 | 1,1 | -0,9 | -0,8 | 8,3 | 12,5 | 15,1 | 17,0 | 6,8 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 0,6 | 1,5 | 1,5 | 1,6 | 1,1 | 0,1 | 0,7 | 13,2 | 12,7 | 12,7 | 12,1 | -0,8 | -0,3 | -0,3 | -0,3 | -0,3 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,7 | 3,2 | 3,1 | 4,9 | 5,4 | 4,8 | 3,7 | 3,5 | 2,5 | 3,4 | 4,3 | 2,6 | 2,7 | 2,4 | 2,4 | 1,5 | 0,2 |
| **Хизматрасониҳо** | **19,3** | **9,9** | **8,4** | **1,3** | **2,0** | **2,1** | **2,7** | **3,6** | **1,2** | **4,6** | **5,6** | **5,4** | **4,8** | **3,7** | **4,0** | **3,3** | **0,6** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 4,5 | 10,1 | 5,2 | -5,3 | 4,4 | 4,3 | 7,5 | 9,1 | 1,7 | 9,6 | 8,7 | 8,5 | 7,8 | 2,2 | 2,5 | 2,1 | 0,1 |
| Иҷорапулии манзил | 0,6 | 3,7 | 4,5 | 5,9 | 7,0 | 3,2 | 3,2 | 2,7 | 1,2 | 2,2 | 3,3 | 3,5 | 4,9 | 7,6 | 7,6 | 7,9 | 0,2 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 1,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 1,1 | 1,1 | 1,4 | 2,1 | 4,0 | 5,3 | 5,3 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 1,9 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 17,3 | 17,3 | 17,7 | 17,7 | 0,3 | 14,8 | 14,5 | 14,3 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 0,5 | 44,4 | 13,1 | -23,7 | -29,6 | -42,2 | -34,6 | -4,4 | 27,0 | 55,5 | 44,0 | 17,4 | -0,1 | -0,5 | 0,7 | -1,0 | -0,8 |
| Нақлиёт | 2,0 | 19,5 | 19,2 | 9,3 | -1,2 | -0,2 | -1,8 | -3,2 | -4,2 | -2,1 | 0,3 | 2,0 | 2,4 | 1,4 | 0,4 | 0,9 | 0,7 |
| Алоқа | 0,6 | -0,7 | -0,6 | -0,7 | -0,7 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,0 | -1,4 | -1,3 | -1,3 | -1,3 | 4,2 | 4,7 | 7,5 | 2,6 |
| Маориф | 1,5 | 8,2 | 8,3 | 0,7 | 1,4 | 1,3 | 1,2 | 3,6 | 3,1 | 3,6 | 3,6 | 1,7 | 0,6 | -0,2 | -0,1 | -0,1 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 2,6 | 1,1 | 2,1 | 2,1 | 2,0 | 1,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 3,7 | 3,7 | 2,8 | 3,7 | 0,2 | -0,7 | -1,8 | -1,2 |
| Маишӣ | 5,4 | 3,2 | 4,1 | 4,5 | 5,0 | 3,9 | 3,5 | 4,3 | 4,8 | 6,6 | 9,9 | 8,9 | 7,0 | 5,6 | 6,4 | 6,4 | 0,3 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо